ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи **«Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор»** диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо

Мавзуи таҳқиқотии мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ва рустанипарварии муосир дар Тоҷикистон-барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои лубиёдонагӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудааст. Ба сифати объекти таҳқиқот 3 - навъи соя Орзу, Ситора ва Дарниса истифода шудаааст.

Соя (лӯбиёи чинӣ) ҳамчун зироати қиматбаҳои сафедадор ва равғандор дар иктисодиёти кишоварзӣ мавқеи махсус дорад. Муаллиф бо омӯзиши шароити водии Ҳисор, ки дорои хусусиятҳои хоси иқлимӣ мебошад, кӯшиш намудааст, ки усулҳои самараноки коркарди пеш аз кишти тухмиро барои беҳтар кардани нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии ин зироат муайян кунад, ки ин муҳиммияти баланди амалӣ ва илмӣ дорад.

Кор дар асоси усулҳои муосири таҳлили физиологӣ ва биохимиявӣ иҷро шудааст. Муаллиф ҷиҳати коркарди пеш аз кишти тухмии навъҳои соя аз ду препарат дар консентратсияҳои гуногун истифода бурдааст:

Дар кор равандҳои муҳиме ба монанди қобилияти сабзиши тухмӣ, миқдори дон, сафеда ва равған дар таркиби дони навъҳои мухталифи соя дар шароити водии Ҳисор вобаста ба таъсири ин ду препарат ва консентратсияи онҳо ба таври амиқ таҳлил ёфтаанд.

Натиҷаҳои амалии бадастомада нишон медиҳанд, ки коркарди тухмӣ бо ин комплексҳои ҳамоҳангии мис бо триазолтиол, қувваи сабзиш ва муқовимати рустаниро ба омилҳои номусоиди беруна таъмин месозад. Ин тавсияҳо метавонанд мустақиман дар хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироати соя истифода шаванд.

Автореферат ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он Усмониён Нигина Солиҳ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060712 - Физиология ва биохимияи растаниҳо ҷавобгу аст.

Профессори кафедраи биохимияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
аз рӯи ихтисоси 06.01.05.-селексия
ва тухмипарварии растаниҳои
кишоварзӣ Алимуродов Абдузоҳид Султонович

Суроға:734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел: (+992) 904241002, E-mail: abduzohid 1964@gmail.com

Имзои А.С. Алимуродовро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ ________________ Шодихонзода Э.Ш.

"_14_" ___09___ 2026 с.